# ТАВЗЕҲНОМА

ба лоиҳаи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2022, №157”

Бо лоиҳаи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2022, №157” ба Дастурамали №255 дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ иловаҳо дар асоси моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” ворид карда мешаванд, ки он тартиби пешниҳоди қарзи муштаракро дар ташкилотҳои қарзӣ муайян менамояд.

Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми танзиму назорат ва батанзимдарории ташкилотҳои қарзии молиявӣ, стандартҳои назорати фаъолияти онҳоро таҳия намуда, тартиби татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тавсияҳои худро муқаррар менамояд.

Дар асоси дархости ташкилотҳои қарзӣ ва талаботи низомнома “Оид ба реҷаи махсуси танзим” тибқи фармони раиси Бонки миллии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2022, №52/фф “Дар бораи таъсиси Гурӯҳи корӣ оид ба татбиқи реҷаи махсуси танзим” Гурӯҳи корӣ аз ҳисоби мутахассисони воҳидҳои сохтории дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон таъсис гардида, реҷаи махсуси танзим ҷиҳати таҳти назорати Бонки миллии Тоҷикистон дар муҳити маҳдуд санҷиши маҳсулоти наву инноватсионӣ – қарзи муштарак ба муштариён бо мақсади дастрас намудани қарзҳои хурд барои фаъолияти соҳибкориву кишоварзӣ дар минтақаҳои гуногун ба роҳ монда шуд.

Бояд қайд кард, ки муштариён ба истифодабарии маҳсулоти наву инноватсионӣ, бо сабаби паст будани меъёри фоизӣ қарз талаботи зиёд изҳор намуданд ва ҳангоми амалигардонии маҳсулоти наву инноватсионӣ, бо сабаби зиёд будани талабот ташкилотҳое, ки дар онҳо раванди қайдгардида ба роҳ монда шуда буд, ба нишондиҳандаҳои назаррас ноил гардиданд.

Ҳамин тариқ аз натиҷаҳои бадастоварда, Гурӯҳи корӣ татбиқи реҷаи махсуси танзим (қарзи муштарак - маҳсулоти нави инноватсионӣ)-ро бобарор арзёбӣ намуд.

Лоиҳаи иловаҳо ба Дастурамали мазкур, бо назардошти таклифу

пешниҳодҳои тамоми воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзӣ таҳия гардида, дар он тартиби ба роҳ мондани муносибати нави қарздиҳӣ - қарзҳои муштарак ба назар гирифта шудаанд.

Қабули иловаҳо ба дастурамали мазкур аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагиро талаб намекунад ва дар мавриди ворид гардидани иловаҳо ташкилотҳои қарзии хурд ва фондҳои қарзии хурд имконият пайдо менамоянд, ки дар ҳамкорӣ бо дигар ташкилотҳои қарзӣ бо воситаи воҳидҳои сохтории онҳо, қарз пешниҳод намуда, дастрасии аҳолиро ба маҳсулотҳои қарзӣ (паст гардидани фоизи қарз) бо роҳи аз байн бурдани хароҷотҳои барзиёд васеъ намоянд.

Муовини раис Шарифзода Ф.Ҳ.